# ТАҚРИЗ

ба автореферати роисолаи илмии Файзализода Баҳрулло Файзалӣ дар мавзӯи «Асосноккунии назариявии ташкили методии таҳсили фосилавӣ дар шароити муосири омодасозии мутахассисони босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02. – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (информатика, таҳсилоти олии касбӣ)

Ба асри XXI гузариши босуръат аз ҷомеаи саноатӣ ба ҷомеаи иттилоотӣ хос аст ва ин гузариш тақозо менамояд, ки раванди таълим ба принсипҳои салоҳиятнокии касбӣ мутобиқ гардонида шавад. Системаи маорифи Тоҷикистон низ дар шароити кунунии рушди ҷомеа дар тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус таҳсилоти олии касбӣ, бо нигаҳдории дастовардҳои қаблии хеш, бар пояи имкониятҳои бавуҷудомадаи гузариш ба меъёрҳои байналмилалии таҳсилот, муносибати босалоҳиятро ба таълими донишҷӯён роҳандозӣ карда истодааст.

Гузариш ба меъёрҳои байналмилалии таҳсилот зарурияти аз курсҳои такмили ихтисос гузаштани тамоми ҳайати омӯзгорону кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ба миён гузошта, ҳатмӣ будани истифодаи усулҳои фаъоли омӯзиш, методҳои нави таълиму тарбия, донистану татбиқ кардани техникаи компютерӣ, технологияҳои муосири иттилоотӣ ва меъёрҳои салоҳиятнокии касбиро дар ҳар як фанну ихтисос тақозо менамояд. Роҳандозии муносибати босалоҳият дар таълим маънои роҷеъ ба маводи омӯзишӣ чиро хондан, чиро донистан ва чиро иҷро карда тавонистани донишҷӯро дорад. Вобаста ба талаботи мазкур донишҷӯ бояд тасаввурот ва иттилооти амиқ дошта бошад.

Дар таҳқиқоти мазкур зери мафҳуми «низоми таҳсилоти фосилавӣ» тамоми ҷузъҳои хоси раванди омӯзиш (ҳадафҳо, муҳтаво, усулҳо, шаклҳои ташкилӣ, воситаҳои таълимӣ) ҷой дода шуда, амалишавии онҳо бо истифода аз шабакаи саросарии Интернет, истифодаи имкониятњои ТИК ба вуқӯъ мепайвандад ва муносибати (иртиботи) таълимию интерактивии байни донишҷӯю омӯзгор ва манбаъҳои захираҳои иттилоотӣ дар фосила (масофа)-ҳои гуногун барқарор мегардад.

Таҳлили назарсанҷиҳои омӯзгорони аз курсҳои омӯзишї гузаштаи низоми кор дар таҳсилоти фосилавӣ баръало нишон дод, ки таъминоти ташкилию педагогии омодасозии мутахассисон барои кору фаъолият дар НТФ ҳанӯз дар шакли мукаммалу зарурӣ коркард нашудааст ва дар ҳамбастагии байни параметрҳои он *ихтилофоти* зерин вуҷуд дорад:

– байни ҷорисозии густурдаи НТФ дар раванди таълим ва

нокифоягии талаботи тахассусӣ нисбат ба мутахассисон барои фаъолият бурдан дар низоми мазкур;

– байни талабот ба кадрҳои соҳибихтисоси омӯзгорӣ дар соҳаи ТФ ва мавҷуд набудани таъминоти илман асоснокшудаи ташкилию педагогӣ барои омодасозии мутахассисон барои корбарӣ дар НТФ.

Бояд зикр намуд, ки шогирдони мактаби илмии профессор Комилиён Ф.С. вобаста ба татбиқи ТИ дар ҳалли масъалаҳои педагогӣ ва муносибати босалоҳияти иттилоотӣ дар таълим таҳқиқоти зиёд гузаронида, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд. Масалан, ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷорӣ намудани ТИ дар соҳаи ТОК (Комилов Ф.С., Раҳмонзода З.Ф., 2011), амсиласозии компютерии масъалаҳои таълимӣ (Комилиён Ф.С., Қосимов И.Л., Саидов И.М., 2016, 2018), татбиқи босамари ТИК дар низоми ТМК (Комилов Ф.С., Раҷабов Б.Ф., 2015) ва ғайра аз қабили ҳамин гуна таҳқиқоти мактаби мазкур мебошанд.

Усулҳои таҳқиқотро ҳам усулҳои муносибати умумиилмӣ (назариявӣ, эмпирикӣ, системавӣ, комплексӣ, оморӣ, мантиқӣ, таҳлили санадҳо, стандартҳо, барномаҳои таълимӣ, мушоҳидаҳои педагогӣ, хулосабарориҳои илмӣ, арзёбии экспертӣ, варақапуркунӣ, суҳбат, пурсиш, тестгузаронӣ, таҳлили нисбию муқоисавӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, умумигардонии натиҷаҳо) ва ҳам усулҳои консептуалии педагогикаи муосир (контекстуалӣ, амсиласозӣ, босалоҳиятӣ, озмоиши компютерӣ, шахсиятию фаъолиятӣ) ташкил додаанд. Бо ёрии ин усулҳо аз соҳаҳои педагогика, методика, равоншиносӣ ва ғайра адабиёти илмӣ гирдоварӣ ва омӯхта шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стандартҳо, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва маводи методӣ дар ҷанбаи низоми таҳсилоти фосилавӣ таҳлил гардида, масъалаҳои ташхисшаванда, обсерватсионӣ (мушоҳидавии мустақим, ғайримустақим, кӯтоҳмуддат, тӯлонӣ), эксперименталӣ (озмоишҳои муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда) ва нишондиҳандаҳои миқдорию сифатии озмоишҳо муайян гардида, натиҷаи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ҷамъбаст карда шудаанд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот:

– бори нахуст хусусиятҳои ташкилӣ ва педагогии омодасозии омӯзгорон барои фаъолият дар низоми таҳсилоти фосилавӣ дар шароити Тоҷикистон тахия гардидааст;

– амсилаи назариявии ташкили кори мустақилонаи мутахассисони ояндаи босалоҳият дар шароити таҳсилоти фосилавӣ кор карда баромада шудааст;

– методикаи ташаккули салоҳиятҳои мутахассисони соҳаи

технологияҳои иттилоотӣ такмил дода шудааст;

– амсилаи нақшаи таълими фосилавӣ ҷиҳати ташаккулдиҳии салоҳиятнокии касбии мутахассисони оянда таҳия гардидааст;

– омилҳои технологии таҳсилоти фосилавӣ дақиқ карда шуда, методҳои нави таълими фосилавӣ барои шароити Тоҷикистон кор карда баромада шудааст.

Саҳми шахсии довталаб дар мустақилона навиштани диссертатсия, иштироки бевосита дар масъалагузориҳои мавзӯӣ, таҳқиқоти назариявӣ, амсиласозӣ, барномарезӣ, баргузории озмоишҳои педагогӣ, таҳлил ва хулосабарориҳои ҷамъбастии вобаста ба НТФ ифода ёфтааст. Натиҷаҳо ва муҳтавои асосии нашршудаи диссертатсияро, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, муаллиф шахсан амалӣ намудааст.

Натиҷаҳои бадастовардаи довталаб бо ягонагии дохилии диссертатсия тавъам омада, дар намуди робитаҳои байниҳамдигарӣ шакл гирифта, дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва амсиласозии компютерӣ, ки фарогири масъалаҳои низоми таҳсилоти фосилавӣ ва муносибати босалоҳият дар таълим мебошанд, метавонанд дар рушди назария ва методикаи омӯзишу таълими фанни информатика саҳми босазо гузоранд. Нуктаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ тавассути усули амсиласозии компютерӣ ва модулҳои барномавии дар шакли комплекси барномаҳои объектгаро таҳияшуда асоснок гардида, тасдиқи худро ёфтаанд. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия гардидаанд, маҳсули афкори шахсии муаллиф мебошанд.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 81 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 10-тояшро монографияҳо, васоит ва дастурҳои таълимию методии аз ҷониби Вазорати маориф ва илми ҶТ ва Шӯрои илмӣ-методии ДДБ ба номи Н. Хусрав тавсияшуда, 34-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ банашррасида, аз ҷумла 10-тояш дар алоҳидагӣ ва 37-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида, аз ҷумла дар нашрияҳои шомили пойгоҳи китобхонаи илмии электронии eLIBRARY.ru, маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ (РИНЦ) ва ҷумҳуриявӣ ташкил додаанд.

Таҳқиқот ба яке аз масъалаҳои омӯзиши методикаи таълими фосилавӣ – масъалаҳои назарӣ, унсурӣ ва амалии методикаи таълими фосилавӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тақвиятёбии илми информатика ва технологияи иттилоотӣ бахшида шудааст.

Нуқтаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд. Онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Диссертатсияи Файзализода Баҳрулло Файзалӣ дар мавзӯъи «Асосноккунии назариявии ташкили методии таҳсили фосилавӣ дар шароити муосири омодасозии мутахассисони босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» кори илмии ба анҷомрасида ба ҳисоб рафта, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (информатика, таҳсилоти олии касбӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳӣ Рӯдакӣ — Мирзоев Салим Сайдалиевич

Имзои доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Мирзоев С.С.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи А.Рӯдакӣ — Амиров Ф.А.

Суроға:
735360, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров, 16,
http://www.kgu.tj, E-mail: info@kgu.tj